Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи намудҳои корҳои хонагии кормандоне (хонакороне), ки дар назди шахсони алоҳидаи воқеӣ дар асоси шартнома (қарордод) анҷом дода мешаванд

Мутобиқи моддаи 6 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Намудҳои корҳои хонагии кормандоне (хонакороне), ки дар назди шахсони алоҳидаи воқеӣ дар асоси шартнома (қарордод) анҷом дода мешаванд тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 апрели соли 2012 № 159
ш. Душанбе

Замима
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 апрели соли 2012, № 159
тасдиқ шудааст

Намудҳои
корҳои хонагии кормандоне (хонакороне),
ки дар назди шахсони алоҳидаи воқеӣ дар асоси
шартнома (қарордод) анҷом дода мешаванд

1. Адвокати ваколатдор
2. Боғбон
3. Доя
4. Маҳсгар
5. Мураббии варзиш
6. Мурраббӣ
7. Омӯзгори инфиродӣ
8. Ошпаз
9. Парастор
10. Пешкор
11. Посбон
12. Ронанда
13. Хизматгори хона
14. Чӯпон
15. Табиби оилавӣ